**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

Дар бораи тасдиқи Низомномаи хусусигардонии фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби муайян кардани арзиши масолати манзиле, ки ба моликияти шаҳрвандон фурӯхта мешавад

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хусусигардонии фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва иҷрои қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995 № 115 "Дар хусуси тартиби дар амал ҷорӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хусусигардонии фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Низомномаи замимагардидаи хусусигардонии фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби муайян кардани арзиши масоҳати манзиле, ки ба моликияти шаҳрвандон фурӯхта мешавад, тасдиқ карда шавад.

2. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия /ҳукуматҳо/, корхонаҳо ташкилоту идораҳо:

- ба шаҳрвандон додану фурӯхтани манзилҳои ишғолкардаи онҳоро бемамониа ва дар асоси ихтиёрӣ амалӣ намоянд;

- дар бораи мустаҳкам кардани хадамоти таъмир ва манзилию истифодабарӣ тадбирҳо андешида, иҷрои ӯҳдадориҳои аҳдномавиро доир ба истифода ва таъмири манзил, сарфи назар аз шакли моликияташон, таъмин намоянд;

- тартиб ва шароити чун моликият харидани манзил ба маълумоти аҳоли расонида шавад.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 4 июни соли 1996 № 226
ш. Душанбе